# Вазъи имрузаи рушди системаи АСЭ(Арзёбии стратегии экологи дар Точикистон

*Халилов Ч.- эксперт оид ба масъалахои АТМТ ва АСЭ*

# Базаи мавчудаи меъёри-хукуки дар бахши АТМЗ ва АСЭ

*Конуни ЧТ «Дар бораи хифзи мухити зист, 2011;*

*Конуни ЧТ «Дар бораи экспертизаи экологи», 2012;*

*Конуни ЧТ «Дар бораи арзёбии таъсиррасони ба мухити зист», 2017;*

*Карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 01.11.2018, №532 «Дар бораи Тартиби арзёбии таъсиррасони ба мухити зист, таснифи объектхои арзёбии таъсиррасони ба мухити зист аз рӯи гурӯххо вобаста ба хусусияти таъсиррасонии онхо ба мухити зист, меъёрхое, ки дарачаи хатарнокии объектхои фаъолияти банакшагирифташавандаро барои мухити зист муайян мекунанд».*

*Дар бахши АСЭ то хануз санадхои меъёри-хукуки мавчуд нест.*

*Шархи мазкур ба арзёбии системаи мавчудаи арзёбии стратегии экологи (АСЭ) дар Чумхурии Точикистон аз нигохи фахмиш ва нуктаи назари мутобикат ба стандарнти байналмилали (Протокол оид ба арзёбии стартегии экологи)  нигаронида шудааст.*

*Точикистон то хануз Конвесияи Эспо ва Протокол оид ба АСЭ-ро кабул накардаст.*

*Хамзамон хотиррасон бояд намуд, ки масъалаи АСЭ дар конунгузории амалкунандаи Точикистон дарч наёфтааст.*

*Айни замон дар Точикистон лоихаи Кодекси экологии Чумхурии Точикистон тахия гашта, варианти интихоии он омода гашта, дар он оид ба АСЭ боби алохида иборат аз 10 модда дохил карда шудааст. Тибки бахогузории экспертхои байналмилали ин моддахо талаботи Протоколи Комиссияи иктисодии Аврупоии СММ-ро оид ба АСЭ конеъ намуда, баъди кабули Коекси экологи санадхои зеркунуни оид ба АСЭ тахия карда мешавад.*

# Объектхои арзёбии стартегии экологи

*Объекти арзёбии стартегии экологи лоихаи хуччатхои банакшагирии стартеги буда, татбики онхо мумкин аст ба мухити зист таъсири номатлуб дошта бошад.*

# Хуччатхои банакшагирии стратеги

*Хуччатхои банакшагирии стратеги ин-Хуччатхои банакшагирии давлати дар самти рушди умумтидавлати, сохави ва ё рушди ичтимои-иктисодии минтакави(накша, барнома, стратегия, ктонсепсия, барномаи давлатии сохави) ва сохаи банакшагирии минтакави(хуччатхо оид ба банакшагирии рушди хамаи худуди Точикистон, хуччатхо оид ба банакшагирии рушти худуди вилояти мухтори кухистони Бадахшон , вилоятхо, нохияхо, хуччатхо оид ба рушди нуктахои ахолинишин), хачунин дилхох тагйиротхо ба онхоро дар бар мегирад.*

# Хуччатхои стратеги дар Точикистон

*Аз нигохи муайянкуни ва тартиби тахияи хуччатхои стратеги дар Точикистон, ду намуди чунин хуччатхоро чудо кардан мумкин аст:*

*А) Хуччатхои стратеги дар сохаи рушди ичтимои-иктисодии Чумхурии Точикистон*

*Б) Хуччатхои стратеги дар сохаи банакшагирии минтакави*

- *айни замон тахияи хуччатхои аввала тибки талаботи конун « Дар бораи дурнамохои давлати, консепсияхо, стратегияхо ва барномахои рушди ичтимоию иктисодии Чумхурии Точикистон» (2003, бо тағйиротхо солхои 2009,2011, 2018) амали карда мешавад.*
- *Тахияи хуччатхои категорияи дуюм бошад тибки талаботи Кодекси шахрсозии Чумхурии Точикистон (2012, бо тағйиротхо солхои 2016,2019) амали карда мешавад*

*Дар мачмуъ дар ЧТ аз руи табиати худ хуччати зерин бояд ба АСЭ фаро гирифта шаванд:*

*а) Дар сохаи банакшагирии умумии ичтимои-иктисоди:*

1) *Стратегия ва барномахои давлати ва минтакавии рушди ичтимои-иктсоди*
2) *Барномахои давлатии максаднок*

*б) Дар сохаи банакшагирии минтакави:*

1) *Хуччатхо оид ба банакшагирии рушди тамоми худуди Чумхурии Точикистон*
2) *Хуччатхо оид ба банакшагирии рушди худуди вилояти мухтори кухистони Бадахшон, вилоятхо, шахру нохияхо*
3) *Хуччатхо оид ба рушди худуди минтакахои ахолинишин(чамоатхо, дехахо).*

*Тибки маълумотхои мавчуда то имруз хуччатхои банакшагирии статеги, накша ва барномахои рушд дар худ маводи арзёбии таъсиррасони ба мухити зист надошта, ба ЭДЭ пешниход намешуданд. Тахлили конунгузории мавчуда дар бахши омодасозии хуччатхои стратеги аз он шаходат медихад, ки дар онхо талабот оид ба арзёбии таъсиррасони ба мухити зист ва пешниходи онхо ба ЭДЭ пешбини нагардидааст.*

*Хамин тавр ба хулосае омиадан мумкин аст, ки нисбати хуччатхои стратеги(накша, стратегия, консепсия ва барномахо) дар ЧТ аз нигохи стандартхои байналмилали системаи АСЭ татбик намегардад, низоми конунгузории милли дар сохаи ЭЭ/ЭДЭ бошад дар амал ба лоихахои чунин хуччатхо татбик намегардад.*

**Кадамхои минбаъда оид ба такмили конунгузории сохаи банакшагири вобаста ба АСЭ**

*Чи тавре кайд шуд, айни замон лоихаи Кодекси экологи тахия гардида, дар омузиш карор дорад. Вале дар конунгузории бахши банакшагирии хуччатхои стратеги - конун « Дар бораи дурнамохои давлати, консепсияхо, стратегияхо ва барномахои рушди ичтимоию иктисодии Чумхурии Точикистон» ва Кодекси шахрсозии Чумхурии Точикистон масъалаи АСЭ дарч наёфтааст.*

*Аз ин лихоз зарур аст, ки дар ин конунхо тагйиру иловахо вобаста ба (а) амалисозии тартиби арзёбии окибатхои экологии татбики чунин барномахо ва*

*(б) амалисозии тартиби мухокимаи чамъиятии чунин хуччатхо ворид карда шавад.*

*Дар сурати хамрохшави ба Протокол оид АСЭ тагйиротхо хачунин масълахои таъсири байнисархадиро низ бояд дар бар гирад.*

Ташаккур ба диккататон!